**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№6**

**аз 14 июни соли 2013** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ марбут ба интихоби чораҳои пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ва гарав, тағйир додани онҳо ва дароз намудани мӯҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ**

Бо мақсади таъмин намудани кафолати конститутсионии ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахс, татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи чораҳои пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ва гарав, тағйир додани онҳо ва дароз намудани мухлати нигоҳ доштан дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми қабули қарорҳо дар бораи пешниҳод кардани дархост ва додани иҷозат оиди интихоб намудан барои ба ҳабс ва ба ҳабси хонагӣ гирифтани гумонбаршуда ё айбдоршаванда ва ё дароз кардани мухлати нигоҳ доштан дар ҳабс муқаррароти моддаҳои 5, 14, 18 ва 19-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки тибқи онҳо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд, ҳар кас кафолати дахлнопазирии шахсӣ ва ҳифзи судӣ дорад, ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс кардан мумкин нест, ба инобат гиранд.

Меъёрҳои дар боло зикргардида дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948), моддаи 9-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, эълон карда шудаанд.

2. Мувофиқи қисми 1 моддаи 101-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) чораҳои пешгирӣ амалҳои маҷбурие мебошанд, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда барои пешгирии аз тарафи онҳо содир намудани ҷинояти нав, пинҳон шудан аз таъқибот ё ҳаракатҳои халалдоркунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инчунин барои таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд.

Ба ҳабс гирифтанро чун чораи пешгирӣ танҳо дар мавриде интихоб намудан мумкин аст, ки агар татбиқи дигар чораҳои сабуктари маҷбуркунии мурофиавӣ ғайриимкон бошанд.

3.Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, шахсони мансабдори он, суд бояд ба назар гиранд, ки асосҳои умумии татбиқи чораҳои пешгирӣ, ки моддаҳои 101,102-и КМҶ муқаррар намудаанд, новобаста ба асос, тартиб ва шарти мурофиавии татбиқи чораҳои мушаххаси пешгирӣ ба ҳама намудҳои он (новобаста аз субъекти татбиқ) паҳн гашта, дар навбати аввал, онҳо бояд бо маълумотҳои воқеии боэътимод тасдиқ карда шаванд.

Аз ин рӯ, дар қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост ба суд оид ба интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан танҳо номбар намудани он, ки шахс ҷинояти махсусан вазнин содир намудааст, дар озодӣ мондани ӯ ба рафти тафтишоти пешакӣ халал мерасонад, эҳтимол кирдори ҷинояткоронаашро давом диҳад ё эҳтимол аз мақомоти тафтишотӣ ва суд пинҳон шавад ва ё аз тарафи ӯ ҷинояти нав содир шуданаш аз эҳтимол дур нест, кифоя

набуда, ҳатман бояд сарчашмаҳои далел дар қисми баёнияву ваҷҳноккунандаи он нишон дода шаванд. Ба мисли, нишон додани протоколи пурсиши шоҳиде, ки дар он маълумот дар бораи ҳаракат баҳри пинҳоншавӣ инъикос карда шудааст ё дигар сарчашмае, ки пинҳон ва ё сохтакорӣ намудани маводи ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонидан, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашудан, мавҷудияти хавфи баръалои содир намудани ҷинояти навро ифода намудаанд. Суд маълумоти пешниҳодшударо ҳаматарафа санҷида, баҳо медиҳад ва оид ба моҳияти масъала қарори дахлдор қабул менамояд.

4. Бояд дар назар дошт, ки татбиқи ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ бо қарори судя ё таъиноти суд танҳо дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае, ки қонуни ҷиноятӣ барои ҷинояти содиркардааш ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ намудааст, иҷозат дода мешавад.

Татбиқи ин чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, ки қонуни ҷиноятӣ барои ҷинояти содир намудаи ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ба муҳлати камтар аз ду сол пешбинӣ намудааст, танҳо дар мавридҳои истисноӣ, ба шарте ки ӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои истиқомати доимӣ надошта бошад ё шахсияташ муқаррар карда нашуда бошад ё ин ки аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда бошад ё шартҳои чораи пешгириро риоя накарда бошад, имконпазир аст.

Дар назар доштан зарур аст, ки мавридҳои истисноӣ ва шартҳои мурофиавии дар боло номбаршуда бояд аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар қарор ваҷҳнок карда шаванд. Зери мафҳуми мавридҳои истисноӣ ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки марбут ба парвандаи ҷиноятӣ буда, истисно аз вазъи мӯътадилу муқаррарист ва мақсади татбиқи чораҳои пешгирӣ нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда бидуни интихоби ба ҳабс гирифтан ғайриимкон аст.

Нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан мутобиқи ангезаи вазнинии ҷиноят, бинобар мавҷуд будани асосҳое, ки дар моддаи 102-и КМҶ пешбинӣ гардидаанд, татбиқ карда шуданаш мумкин аст.

5. Дархост дар бораи интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда аз ҷониби прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда, аз тарафи прокурор ё муфаттиш дар шакли қарор қабул гардида, бо ризои прокурор ва нисбати судя бошад бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод карда мешавад.

Интихоб ва тартиби мурофиавии татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати доираи муайяни шахсон, аз ҷумла нафароне, ки дорои ҳуқуқи дахлнопазирии дипломатӣ доранд, прокурор, судя, узви Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, ноболиғон, занони ҳомила ва дигарон имконпазир аст, агар нисбати онҳо асосҳои умумӣ, махсус ва воҳиди татбиқи чораи пешгирӣ дар маҷмӯъ мавҷуд буда, тартиботи мурофиавӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ риоя карда шаванд.

Ба дархост нусхаҳои тибқи қонун барасмиятдаровардашудаи:

1) қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ (дар ҳолати зарурӣ қарор дар бораи ба пешбурди худ қабул кардан, қарор дар бораи пешбурди тафтиши пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи тафтишотӣ);

2) протоколи дастгиркунии гумонбаршуда;

3) протоколи пурсиши гумонбаршуда;

4) қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан;

5) протоколи пурсиши айбдоршаванда;

6) аризаи ҷабрдида ё ҳуҷҷатҳое, ки асос барои оғоз намудани парванда гардидаанд (масалан, ҳозир шудан бо иқрори гунох);

7) протоколҳои пурсиши ҷабрдидаҳо, шоҳидон, шаҳодаткунонӣ, рӯбарӯкуниҳо, хулосаи ташхисҳо ва дигар маводе, ки зарурияти татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтанро (масалан, маълумот дар бораи шахсият, синну сол, вазъи саломатӣ, молумулкӣ, намуди машғулият, мавҷудияти ҷои истиқомати доимӣ, доғи судӣ ва ғайра) асоснок менамоянд, замима

карда мешаванд. Агар ҳимоятгар дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок надошта бошад ва ин ҳолат дар протоколи пурсиши гумонбаршуда ё айбдоршаванда дарҷ нагардида бошад, он гоҳ ба мавод аризаи хаттии гумонбаршуда, айбдоршаванда оид ба даст кашидан аз ҳимоятгар низ ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми пешниҳод гардидани мавод, ки асоснокии дархостро дар бораи интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан тасдиқ менамояд, аммо дар он ҳуҷҷат дар бораи шахсияти гумонбаршуда ё айбдоршаванда мавҷуд нест, ин ҳолат наметавонад ҳамчун асос барои рад кардани дархост ба инобат гирифта шавад (қисми 1 моддаи 111-и КМҶ).

Бидуни розигии прокурор ба суд пешниҳод намудани дархост дар бораи интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан манъ буда, риоя накардани расмиёти мазкури мурофиавӣ асос барои аз ҷониби судҳо қабул накардани дархост ё бе баррасӣ монондани он мегардад.

6. Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 111-и КМҶ қарор дар бораи пешниҳод намудани дархост оид ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати гумонбаршуда ё айбдоршаванда аз ҷониби судяи суди шаҳр ва ноҳия ё ин ки суди ҳарбии гарнизон, нисбати судя аз ҷониби судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 8 соат аз лаҳзаи ба суд ворид гардидани мавод бо иштироки ҳатмии гумонбаршуда, айбдоршаванда, прокурор, ҳимоятгар, ба шарте ки дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок дошта бошад, аз рӯи маҳалли пешбурди тафтиши пешакӣ ё ин ки аз рӯи маҳалли дастгиршавии гумонбаршуда баррасӣ мегардад. Дар маҷлиси судӣ инчунин намояндаи қонунии гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ, муфаттиш ё таҳқиқбаранда, тарҷумон ва мутахассис метавонанд иштирок намоянд. Бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани тарафҳо, ки аз вақти гузаронидани маҷлиси судӣ саривақт огоҳонида шудаанд, барои баррасии дархост монеъ шуда наметавонад, ба истиснои ҳолатҳои ҳозир нашудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда.

Бе иштироки айбдоршаванда қабул намудани қарор дар бораи додани иҷозат барои ба ҳабс гирифтан танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки агар нисбати ӯ кофтукови байналмилалӣ эълон гардида бошад. Дар ин маврид судя бояд иштироки ҳимоятгарро ҳатман таъмин намояд.

Рӯйхати шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси судиро доранд, маҳдуд намебошад ва тибқи талаботи моддаҳои 23, 42, 111 ва 119-и КМҶ, агар масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдида, аз ҷумла таъмини амнияти шахсии ӯ аз таҳдидҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ё таъмини ҷуброни зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда марбут бошад, ҷабрдида, намояндаи ӯ ва намояндаи қонунӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокурор ва суд дар бораи интихоб, дароз кардан, тағйир додани ин ё он чораи пешгирӣ дархост пешниҳод намоянд.

Маҷлиси судӣ оид ба муҳокима намудани пешниҳоди дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, дароз намудани муҳлати он аз рӯи қоидаҳои умумӣ (моддаи 88-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 19, 273-и КМҶ) ошкоро сурат мегирад. Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 1-и КМҶ ва қисми 1 моддаи 14-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ суд метавонад бо санади мувофиқи ваҷҳнок аҳли мардум ва ё кормандони васоити ахбори умумро ба маҷлиси судӣ роҳ надиҳад, агар иштироки онҳо ба ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти давлатӣ, ҳаёти шахсӣ ва манфиати адолати судӣ мухолифат намояд.

7. Ҳангоми баррасии дархост дар барои интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани муҳлати он нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда, судя бояд асоснокии гумонбарӣ ва айбдоркунии шахсро дар ҷинояти содиршуда бидуни ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ, ки ба ваколати марҳилаи судии парвандаи ҷиноятиро баррасикунанда дохил мешавад, санҷида барояд. Маълумотҳои пешниҳодшуда бояд аз вуҷуд доштани ҳодисаи ҷиноят, инчунин ҳолати он, ки дар ҳақиқат гумонбаршуда ё айбдоршаванда метавонист ҷиноятро содир намояд, шаҳодат диҳанд.

8. Дар мавриди татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бояд асосҳое, ки дар моддаи 102-и КМҶ пешбинӣ гардидаанд, махсусан далелҳо дар бораи он ки гумонбаршуда,

айбдоршаванда ё судшаванда метавонад аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд пинҳон шавад, ба тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии он аз тарафи суд мамониат кунад, аз ҷумла маводи барои парванда аҳамиятдоштаро пинҳон ё сохтакорӣ намояд ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонад, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашавад, ҷинояти дигарро содир намояд, ба иҷрои ҳукм монеагӣ кунад, ҳаматарафа санҷида шаванд.

Ҳамзамон, ҳангоми зарурати татбиқи ин чораи пешгирӣ хусусияти гумонбаркунӣ ё айбдоркунӣ, шахсият, синну сол ва вазъи саломатӣ, намуди машғулият, вазъи оилавӣ ва молу-мулкӣ, мавҷудияти ҷои истиқомати доимӣ ва ҳолатҳои дигар бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳолатҳои зикргардида бояд воқеӣ ва асоснок бошанд, яъне бо далелҳои боэътимод тасдиқ карда шаванд.

9. Дар вақти баррасии дархост судя бояд санҷида барояд, ки аз ҷониби мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ зимни дастгиркунӣ қоидаҳои дар моддаҳои 92-94-и КМҶ пешбинигардида риоя шудаандё не?

Бояд дар назар дошт, ки бо асосҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 92-и КМҶ шахсро зиёда аз 72 соат боздоштан мумкин нест.

Гузаштани мӯҳлати дастгиркунӣ барои баррасии дархост дар хусуси додани иҷозат барои ба ҳабс гирифтан монеа шуда наметавонад. Агар мӯҳлати боздоштан гузашта, шахс аз ҳабс озод карда нашуда бошад, судя дар асоси талаботи моддаи 35-и КМҶ дар ин хусус таъиноти хусусӣ мебарорад.

10. Дар ҳолати дастгир кардани шахс тибқи талаботи моддаҳои 92 ва 94-и КМҶ, ки нисбаташ кофтуков эълон гардидааст, суди маҳалли дастгиршавии ӯ ҳуқуқ дорад нисбати ин шахс дархострo дар бораи интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан баррасӣ намояд. Дар ин маврид нусхаи дархост оид ба интихоби ин намуди чораи пешгирӣ ва дигар маводе, ки асоснокии дархости номбурдаро тасдиқ менамоянд ва аз ҷониби сардори воҳиди тафтишотии ҷои дастгиркунии гумонбаршуда ё айбдоршаванда тасдиқ карда шудаанд, бо ризогии прокурори ҳудуди мазкур ба суд пешниҳод карда мешаванд. Судя дар баррасии дархост бояд ҳатман иштироки намояндаи мақомоти тафтиши пешакӣ, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро тасдиқ намудааст, таъмин намояд.

11. Қарор дар бораи нисбати гумонбаршуда татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ки дар давраи тафтиши пешакӣ қабул гардидааст, тибқи талаботи моддаи 103-и КМҶ зиёда аз 10 шабонарӯз аз лаҳзаи татбиқи чораи пешгирӣ амал карда наметавонад. Агар гумонбаршуда дастгир гардида, сипас нисбати ӯ чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан татбиқ шуда бошад, ба ӯ бояд дар мӯҳлати на дертар аз даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ айб эълон карда шавад.

Ҳангоми дар ҳамин мӯҳлат айб эълон кардан, чораи пешгирии интихобгардида дар сурати риоя кардани мӯҳлатҳои бо қонун пешбинигардида, дар тамоми давраи тафтиши пешакӣ ва барои тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба прокурор фиристодани парванда, ҳамчунин баррасии парванда дар суд амал менамояд.

Агар дар мӯҳлати муқарраргардида ба гумонбаршуда айб эълон карда нашавад, мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ бояд чораи пешгириро фавран бекор намояд.

12. Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми ҳалли масъалаи татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани мӯҳлати он таъмини иштироки ҳимоятгар ғайриимкон гардида (масалан, ҳангоми банд будан дар дигар мурофиа) ва аз ҳимоятгаре, ки тибқи қисми 6 моддаи 50-и КМҶ таъиншуда гумонбаршуда ё айбдоршаванда новобаста аз вазъи моддӣ даст кашида бошад, судя бояд оқибати иштирок накардани ҳимоятгарро ба ӯ фаҳмонида, сипас метавонад бе иштироки ӯ ин дархострo дида барояд, ба истиснои ҳолатҳои иштироки ҳатмии ҳимоятгар, ки дар қисми 1 моддаи 51-и КМҶ муқаррар гардидаанд.

Дар мавриди ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгар, агар ҳимоятгари даъватнамудаи гумонбаршуда ё айбдоршаванда, ки ба таври дахлдор аз маҳал ва вақти баррасии дархост огоҳ буда, бе сабабҳои узрнок иштирок накунад, он гоҳ таҳқиқбаранда ё муфаттиш тибқи қисми 6 моддаи 50-и Кодекси мазкур чораҳои таъин намудани ҳимоятгарро меандешад. Дар ин ҳолат

судя дар бораи дароз кардани мӯҳлати дастгиркунӣ, вале на зиёда аз 72 соат қарор мебарорад ва баъди таъини ҳимоятгар дархост бо иштироки тарафҳо моҳиятан баррасӣ карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми баррасии дархост оид ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ иштироки ҳимоятгар аз рӯзи дастгиркунии воқеӣ, эълони айб, инчунин дар маҷлиси судӣ новобаста аз он ки ноболиғ дар ин давра ба балоғат расидааст ё не, ҳатмӣ мебошад.

Ин қоида ҳамзамон нисбати гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар он ҳолате низ паҳн мегардад, ки агар ӯ як ҷиноятро то синни 18 солагӣ ва ҷинояти дигарро баъди 18 солагӣ содир намуда бошад.

13. Ҳангоми баррасии дархост дар бораи иҷозат додан барои ба ҳабс гирифтани гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ судя бояд ҳамаҷониба асосҳоеро, ки зарурияти интихоби ин намуди чораи пешгириро талаб намуда, имконнопазирии интихоби намуди сабуктари ин чораҳоро нишон медиҳад, мавриди санҷиш қарор диҳад.

Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифта шавад, ки нисбати ноболиғе, ки дар содир намудани ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёна гумонбар ё ин ки айбдор дониста шудааст, чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан татбиқ карда намешавад. Ин намуди чораи пешгирӣ нисбати ноболиғ танҳо дар ҳолатҳои истисно, ҳангоми содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ва мавҷуд будани асосҳои дар моддаҳои 92, 93, 101, 102 ва 111-и КМҶ пешбинигардида татбиқ шуда метавонад.

Мутобиқи талаботи моддаи 427-и КМҶ судяҳо ҳангоми татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати ноболиғ вобаста ба ҳолатҳои парванда ва вазнинии ҷиноят бо дарназардошти шахсияти ноболиғ, инчунин шароити зиндагӣ ва тарбия, муносибат бо падару модар ва дараҷаи инкишофи рӯҳии ӯ бояд имкониятҳои интихоби чораи пешгирии дар моддаи 108-и Кодекси мазкур (таҳти парастории падару модар, парасторон, васиён ё дигар шахсони сазовори эътимод, инчунин намояндагони муассисаҳои махсуси кӯдакон супоридани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаи ноболиғ) пешбинигардидаро муҳокима намоянд. Зеро муҳокимаи ин масъала аҳамияти махсус дошта, имконият медиҳад, ки аз таъсири манфӣ расидан ба ноболиғ ҳангоми ҷудо нигоҳ доштани ӯ аз ҷамъият пешгирӣ карда шавад.

14. Ба судяҳо зарур аст, ки дар вақти додани иҷозат барои интихоби чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан нисбати шахсе, ки дар таъминоташ фарзандони ноболиғ ва дигар шахсони ба нигоҳубини доимӣ муҳтоҷ дорад, масъалаи аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ, прокурор андешидани чораҳоро оид ба ҷойгир намудани шахсони дар таъминоташ қарордошта ба муассисаҳои дахлдор, инчунин таъмини нигоҳдории молу мулк ва манзили зисташ санҷида бароянд.

Ҳамзамон, нисбати занone, ки кӯдакони хурдсол доранд, бояд пеш аз ҳама масъалаи таҳти парастории хешовандони наздик, дигар шахсон ё имконпазирии ба хонаи кӯдакон супоридани онҳоро мавриди муҳокима қарор диҳанд.

15. Агар ҳангоми ҳалли масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани мӯҳлати он дархост дар бораи шинос шудан бо мавод пешниҳод гардад, судя ҳуқуқ надорад, ки ин дархости гумонбаршуда ё намояндаи қонунии ӯ, ҷабрдида, айбдоршаванда ва ё намояндаи қонунии онҳо, ҳамчунин ҳимоятгари онҳоро рад намояд.

Шиносоӣ бо мавод дар мӯҳлати муайяншуда, вале на дертар аз мӯҳлати дар қонун барои баррасии дархости интихоби чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан муқаррargardida (ҳашт соат) бояд анҷом дода шавад.

16. Зимни баррасӣ, агар яке аз тарафҳо дархост намояд, ки барои пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ, ки асоснокӣ ё беасос будани дархостро тасдиқ менамоянд, маҷлиси судӣ мавқуф гузошта шавад, он гоҳ судя ин дархостро бо иштироки тарафҳо баррасӣ намуда, дар сурати асоснок будан қарор дар бораи ба таъхир гузоштани баррасии дархостро ба мӯҳлати на зиёда аз 72 соат барои пешниҳоди далелҳо баровардa, дар он то чанд рӯзу соат дароз кардани мӯҳлати дастгиркуниро нишон медиҳад.

Пас аз пешниҳод гардидани далелҳои иловагӣ дар муҳлати муайяншуда судя маҷлиси навбатиро бо иштироки тарафҳо гузаронида, дар асоси ҳамаи мавод дар бораи қонеъ ва ё рад намудани дархост қарор қабул менамояд.

17. Мутобиқи қисми 3 моддаи 112-и КМҶ то шаш моҳ дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда дар рафти тафтиши пешакӣ аз ҷониби судяи суди ноҳия ва шаҳр ё суди ҳарбии гарнизон бо тартиби муқарраркардаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 111-и Кодекси номбурда танҳо дар сурати ғайриимкон будани анҷом додани тафтиш дар муҳлати 2 моҳ ва дар сурати набудани асос барои нисбат ба айбдоршаванда татбиқ намудани чораи дигари пешгирӣ мумкин аст.

Минбаъд дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ба муҳлати зиёда аз шаш моҳ танҳо дар ҳаққи шахсони дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин айбдоршаванда, инчунин дар ҳаққи шахсони дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содирнамудае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои зисти доимӣ надоранд, мумкин аст, агар асосҳои кофӣ мавҷуд бошанд, ки онҳо аз тафтиш ва суд берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пинҳон мешаванд. Дар ин сурат муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштанро дар асоси дархости муфаттиш бо ризои прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, прокурорҳои вилоят, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо ризои муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон судяи ҳамон суд ба муҳлати то 12 моҳ дароз менамояд.

Аз 12 то 18 моҳ дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дар ҳолатҳои истисноӣ, танҳо нисбат ба шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин айбдор карда мешаванд, аз ҷониби судяҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе ва Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости муфаттиш, ки бо ризои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё муовинони ӯ пешниҳод гардидааст, сурат мегирад.

Дархост дар бораи дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷониби судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад.

18. Тибқи талаботи қисми 8 моддаи 112-и КМҶ судя ҳуқуқ дорад бо дархости муфаттиш муҳлати нигоҳ доштани айбдоршавандаро дар ҳабс то анҷом ёфтани шиносшавии айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ бо маводи парванда ва аз ҷониби прокурор равон кардани парванда ба суд дароз намояд, агар баъди тамом шудани тафтиши пешакӣ маводи парвандаи ҷиноятӣ барои шиносшавӣ ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ на дертар аз 30 шабонарӯз то анҷоми муҳлати дарозкардашуда, ки тибқи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 112-и КМҶ (шаш, дувоздаҳ, ҳаждаҳ моҳ) пешбинӣ гардидааст, супорида шуда бошад. Дар ин ҳолат дар қарор бояд нишон дода шавад, ки муҳлат то кадом вақт дароз карда мешавад.

19. Судя дархостро дар бораи дароз кардани муҳлати нигоҳ доштани айбдоршаванда (судшаванда) дар ҳабс бе иштироки ӯ дар ҳолатҳои зерин метавонад баррасӣ намояд, агар овардани ӯ ба суд бинобар карантин дар ҷои нигоҳ доштани ӯ, офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои истисноӣ имконнопазир бошад. Дар сурати бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ гардидани ҳолатҳои зикршуда, судя метавонад дархостро бе иштироки айбдоршаванда баррасӣ намояд, вале иштироки ҳимоятгар дар маҷлиси судӣ ҳатмӣ мебошад.

20. Ҳангоми ҳалли дархост дар бораи дароз кардани муҳлати нигоҳ доштани айбдоршаванда дар ҳабс судя бояд асоснокии ваҷҳҳои овардаи мақомоти тафтиши пешакиро барои бо кадом сабаб дар муҳлати муқарраршуда ба анҷом нарасонидани тафтиш муайян намояд. Агар дархост оид ба дароз кардани муҳлат якчанд маротиба барои нагузаронидани ҳамон як амали тафтишӣ, ки дар дархости қаблан пешниҳодгардида нишон дода шуда буд, пешниҳод гардад, судя бояд муайян намояд, ки бо кадом сабабҳо ин амалҳо гузаронида нашудаанд.

Зимни баррасии чунин дархост агар муайян карда шавад, ки амалҳои тафтишии муҳим бинобар камбудии аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ руҳдода гузаронида нашудаанд, судя бояд барои бартараф намудани ин камбудиҳо бо роҳи баровардани таъиноти хусусӣ чораандешӣ намояд.

21. Дар оғози маҷлиси судӣ судя дархости пешниҳодшударо эълон намуда, шахсияти

гумонбаршуда, айбдоршавандаро шахсан бо роҳи дақиқ омӯхтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ муайян намуда, ба тарафҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавиашонро мефаҳмонад. Ҳамчунин, судя бояд ба гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда фаҳмонад, ки нишондоди худиқрории ӯ бо парвандаи ҷиноятӣ метавонад ҳамчун далели гунаҳгории ӯ ба инобат гирифта шавад.

Сипас, аз рӯи қоидаҳои дар моддаҳои 61-71-и КМҶ муқарраргардида судя раддияи ба ӯ ва дигар иштирокчиёни мурофиа пешниҳодгардидаро ҳал менамояд. Дар ин хусус судя дар хонаи машваратӣ қарори алоҳида мебарорад. Баъд аз он прокурор ё ин ки бо супориши ӯ муовин, ёрдамчии прокурор, шахси дархостро оғознамуда онро асоснок карда, пас аз он тарафи ҳимоя ва дигар иштирокчиёни мурофиа, ки ба маҷлиси судӣ ҳозир шудаанд шунида мешаванд. Тарафи айбдоркунанда мувофиқи принсипи мубоҳиса зарурияти татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтанро асоснок намуда, вазифадор аст, ки ба ҳамаи ваҷҳҳои тарафи ҳимоя ҷавоб диҳад, агар охирон нисбат ба татбиқи ин чораи пешгирӣ норозигии худро баён кунад.

Бо парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ду ва зиёда шахсон судя дархостро дар бораи интихоби чораи пешгирӣ нисбати ҳар як гумонбаршаванда ё айбдоршаванда дар алоҳидагӣ ҳал менамояд.

Аз ҷараёни баррасии маҷлиси судӣ котиби маҷлиси суд протокол тартиб медиҳад, ки дар он пурра ва холисона рафти баррасии дархост инъикос меёбад.

22. Ҳангоми ба пешбурди худ ба сифати суди марҳилаи якум қабул намудани парвандаи ҷиноятӣ, ки аз рӯи он айбдоршаванда таҳти ҳабс қарор дорад, судя бояд муайян намояд, ки оё:

- муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда, ки бо қарори судя муқаррар карда шуда буд, нагузаштааст;

-ҳолатҳое, ки дар асоси онҳо шахс ба ҳабс гирифта шуда буд, айни замон ҷой доранд;

-айни замон ҳамин ҳолатҳо метавонанд барои дароз кардани муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс асос бошанд?

Бояд дар назар дошт, ки қарор дар бораи ба ҳабс гирифтани айбдоршаванда ё дароз кардани муҳлати он, ки дар давраи тафтиши пешакӣ қабул гардидааст, метавонад баъди ба итмом расидани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва равон кардани парванда ба суд танҳо дар давоми муҳлате, ки ин чораи пешгирӣ муайян шуда буд, амал намояд.

23. Суд, судяҳо ҳангоми муайян намудани ҳолати он ки муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда гузаштааст, вазифадоранд фавран масъалаи татбиқи чораи пешгириро нисбати ӯ мавриди муҳокима қарор диҳанд.

Дар мавриди қабули қарор оид ба бетағйир монондани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани муҳлати он дар марҳилаи тайёрӣ ба маҷлиси судӣ зарур аст, ки ба айбдоршаванда ё ҳимоятгари ӯ имконияти иштирок дар баррасии масъалаи мазкур, ки бо тартиби дар моддаҳои 111, 112 ва 289-и КМҶ сурат мегирад дода шавад, то ин ки онҳо тавонанд самти ҳимояи худро муайян намоянд.

Зимни дароз кардани муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс ё рад намудани дароз кардани он, судя қарори дахлдорро бо дарназардошти маҷмӯи ҳолатҳои мавҷуда, аз ҷумла бо сабаби дар марҳилаи дигар баррасӣ кардани парванда, ки дар натиҷа боиси ба вуҷуд омадани ҳолатҳои нав дар хусуси зарурати бетағйир монондан ё ин ки тағйир додани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан мегардад, қабул менамояд.

Дар қарори оид ба бетағйир монондани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ки қаблан интихоб шуда буд, бояд муҳлати охирини дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда нишон дода шавад.

24. Қарори судя дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё ин ки дароз кардани муҳлати он, дар асоси баррасии ин масъала дар ҳолати мубоҳисаи тарафҳо, таъмини шароити мусоид барои пешниҳод кардани далелҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва муайян кардани мавқеи онҳо нисбати масъалаи мазкур қабул карда мешавад.

Ҳамчунин, дар қарор бояд ҳолатҳои мушаххасе, ки дар маҷлиси судӣ таҳқиқ шудаанд, новобаста аз дар кадом марҳила баррасӣ шудани ин масъала ва дар кадом шакл, аз ҷумла дар шакли қарори алоҳида ё ин ки дар қисми асосии қарор (дар бораи таъини маҷлиси судӣ, дар бораи бекор кардани ҳукм ва ба тафтиши нав равон кардани парванда) дарҷ карда шаванд.

Дар қисми хулосавии қарори зикргардида низ бояд нишон дода шавад, ки ба кадом муҳлат

ва то кадом рӯз чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан татбиқ ё ин ки дароз карда мешавад.

25. Тибқи талаботи қисми 8 моддаи 111-и КМҶ, агар масъалаи ба ҳабс гирифтани судшаванда дар мурофиаи судӣ пайдо шавад, дар ин маврид судя ё суд бо дархости тарафҳо ё ин ки бо ташаббуси худ ин масъаларо ҳал намуда, дар ин бора қарор ё таъинот мебарорад.

Дар қарори таъини маҷлиси судӣ (моддаи 263-и КМҶ) судя бояд мувофиқи қисмҳои 1-3 моддаи 111-и КМҶ қарор дар бораи интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтанро асоснок намояд.

Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати якчанд нафар бошад дар қарори таъини маҷлиси судӣ нисбати ҳар як судшаванда интихоб ё рад намудани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан бояд асоснок карда шавад.

26. Агар асосҳои баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ, ки дар моддаи 264-и КМҶ пешбинӣ гардидаанд, ҷой дошта бошанд, он гоҳ судя бояд мувофиқи қисми 3-и моддаи зикргардида масъалаи татбиқи чораи пешгириро нисбати айбдоршаванда ҳал намояд.

Ҳангоми такроран ворид гардидани парванда ба суд ба мӯҳлати умумии дар ҳабс нигоҳ доштан, ки дар қисми 2 моддаи 289-и КМҶ пешбинӣ гардидааст, мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани шахс аз лаҳзаи бори аввал ворид гардидани парванда ба суд то баргардонидани парванда ба прокурор ҳисоб карда мешавад.

27. Диққати судяҳо ба риояи талаботи қисми 2 моддаи 289-и КМҶ, ки тибқи он бояд мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани судшаванда, ки аз ворид гардидани парванда ба суд то баровардани ҳукм ҳисоб карда мешавад, набояд аз 6 моҳ зиёд бошад, ҷалб карда шавад. Агар ин мӯҳлат нисбати судшавандае, ки барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна айбдор дониста шудааст гузашта бошад, ӯ бояд фавран аз ҳабс озод карда шавад.

28. Агар мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан, ки нисбати судшаванда дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин интихоб гардидааст то ба охир расидани баррасии парванда мегузашта бошад, он гоҳ суд метавонад ин мӯҳлатро тибқи қисми 3 моддаи 289-и КМҶ то дувоздаҳ моҳ дароз намояд. Дар таъинот (қарор) бояд зарурияти минбаъд дар ҳабс нигоҳ доштани судшаванда асоснок карда шавад.

29. Мутобиқи талаботи моддаи 110-и КМҶ асосҳо ва тартиби татбиқ кардани ҳабси хонагӣ, муқаррар намудан ва дароз кардани мӯҳлати он, бекор кардани ҳабси хонагӣ бо меъёрҳои дахлдори марбут ба чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан танзим мегарданд.

Зимни интихоб намудани ин намуди чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда суд бояд синну сол, вазъи саломатӣ, вазъи оилавӣ ва дигар ҳолатҳоро муайян намояд. Нисбати гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ба синни 18 солагӣ нарасида бошад, бояд ба синну сол, шароити зиндагӣ ва тарбия, хислатҳои хоси шахсӣ, таъсири шахсони калонсол, аз ҷумла намояндагони қонунӣ ба ӯ диққати махсус дода шавад.

Дар қарори судя ё таъиноти суд дар бораи ба ҳабси хонагӣ гирифтан маҳдудиятҳои мушаххасе, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, ки дар қисми 2-и моддаи 110-и КМҶ муқаррар гардидаанд, дарҷ карда мешаванд, инчунин мақомот ё шахси мансабдоре нишон дода мешавад, ки чунин назоратро анҷом медиҳад.

30. Мувофиқи қисми 1 моддаи 109-и КМҶ ҳангоми татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди гарав нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда маблағи он бо дарназардошти вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти онҳо, вазъи молумулкии гаравгузор муайян карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки аз 3 июли соли 2012 маблағи гарав на камтар аз шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шудааст.

Гарав нисбати шахсе татбиқ карда мешавад, ки товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашударо пурра баргардонидааст. Нисбати шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин гумонбар ё айбдор карда шудаанд, татбиқ намудани гарав мумкин нест.

Таҳқиқбаранда ва муфаттиш гаравро бо ризои прокурор татбиқ мекунанд.

Гаравгузор на танҳо гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, инчунин шахси дигар низ шуда метавонад. Ба гаравгузор, агар ӯ гумонбаршуда ё айбдоршаванда набошад, моҳияти гумонбарӣ ё айбдоркунии шахси нисбаташ ин чораи пешгирӣ татбиқшаванда фаҳмонида, бо имзои шахси нисбаташ ин чораи пешгирӣ татбиқшаванда, гаравгузор ва шахси мансабдори ин

чораи пешгириро татбиқнамуда тасдиқ карда мешавад. Нусхаи қарор, таъинот барои супоридани гарав ба гаравгузор дода мешавад.

Дар сурати саркашӣ намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз ҳозир шудан бо даъвати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд чораи пешгирӣ иваз карда, маблағи гарав тибқи талаботи моддаи 118-и КМҶ дар асоси қарори суд ба фоидаи давлат гузаронида мешавад.

Дар дигар ҳолатҳо суд зимни баровардани ҳукм ё таъинот (қарор) дар бораи қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъалаи ба гаравдеҳ баргардонидани маблағи гаравро ҳал менамояд. Ҳангоми қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давраи тафтиши пешакӣ маблағи гарав ба гаравдеҳ бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё муовини ӯ баргардонида мешавад.

31. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи сархати 8 қисми 1 моддаи 344-и КМҶ дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунанда, то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм нисбати судшаванда кадом намуди чораи пешгирӣ татбиқ карда мешавад, дарҷ мегардад.

32. Аз қарори судя дар бораи ба сифати чораи пешгирӣ иҷозат додан барои ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ, дароз кардани мӯҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс ё ин ки рад кардани онҳо, ба суди болоӣ аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари ӯ, намояндаи қонунии айбдоршавандаи ноболиғ, ҷабрдида ва прокурор дар муддати 3 шабонарӯз аз рӯзи баровардани қарор шикоят ё эътироз кардан мумкин аст.

Ҷабрдида мутобиқи қисми 3 моддаи 357-и КМҶ новобаста аз он ки шахсан ё ин ки тавассути намоянда дар маҷлиси судӣ иштирок намудааст, ҳуқуқ дорад аз болои қарори судя оид ба интихоби чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда шикоят намояд.

Ба судҳо тавзеҳ дода шавад, ки тибқи муқаррароти қисми 9 моддаи 111-и КМҶ суде, ки қарор қабул намудааст, шикоят ё эътирозро якҷоя бо мавод бояд на дертар аз рӯзи дигари ба охир расидани муҳлати овардани шикоят ё эътироз аз қарор ба суди болоӣ равон кунад.

33. Ҳангоми овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ суди марҳилаи якумро лозим аст, ки ба суди болоӣ нусхаҳои тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ; протоколи дастгиркунии гумонбаршуда; қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардани шахс; қарор дар бораи татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан; ҳамаи нусхаҳои дархостҳо ва қарорҳои дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан; қарорҳо дар бораи боздоштан ва ҷоннок намудани тафтиши пешакӣ; дар бораи якҷоя ё ҷудо кардани парвандаи ҷиноятӣ; дар бораи ба пешбурди худ қабул кардани парванда; дар бораи ба суд равон кардани парванда, ҳамчунин протоколи маҷлиси судӣ ё иқтибос аз он; ҳуҷҷатҳое, ки зарурияти татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтанро тасдиқ ё ин ки рад менамоянд, ҳамзамон маълумот дар бораи шахсияти судшавандаро пешниҳод намояд.

34. Зимни баррасии шикоят ё эътироз аз болои қарори судя ё таъиноти суд дар бораи интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани муҳлати он, суди марҳилаи кассатсионӣ дар мавриди пешниҳод гардидани дархости дахлдор тибқи моддаҳои 22 ва 50-и КМҶ ӯҳдадор аст, ки ҳимоятгар таъин намояд, агар шахси пешниҳоднамудаи шикоят аз ӯ даст накашида бошад.

Даст кашидан аз ҳимоятгар дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда пешниҳод намудани дархост дар бораи даст кашидан аз ҳимоятгар, суди марҳилаи кассатсионӣ бояд дар назар дошта бошад, ки тибқи қисми 2 моддаи 52-и КМҶ ин ҳолат барои суд ҳатмӣ намебошад.

35. Суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯи шикоят ва ё эътироз дар муддати на дертар аз се шабонарӯз аз лаҳзаи воридшавии мавод қарор қабул менамояд.

Қарори суди марҳилаи кассатсионӣ дар бораи бекор кардани қарори судя оид ба интихоб намудани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани муҳлати он бояд фавран иҷро карда шавад.

36. Дар мавриди бекор намудани ҳукм ва равон кардани парванда ба муҳокимаи нави судӣ ба суди поёнӣ, баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ, суди марҳилаи кассатсионӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии

ҷиноятӣ ва ҳаматарафа бурдани маҷлиси судӣ дар муҳлати имконпазир ӯҳдадор аст, ки бо дархости прокурор ё бо ташаббуси худ масъалаи татбиқи чораи пешгириро нисбати шахсе, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад, ҳал намояд. Дар ин ҳолат суд ҳуқуқ дорад яке аз намудҳои чораҳои пешгириро, ки дар моддаи 101-и КМҶ номбар шуда, мақсадҳои дар ин модда зикрёфтаро таъмин карда метавонад, интихоб намояд.

Дар вақти аз ҷониби суди болоӣ дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан, агар муҳлати қаблии дароз кардашудаи ин чораи пешгирӣ нагузашта бошад ва ин муҳлат барои таъмин кардани мақсади татбиқи чораи пешгирӣ кифоя бошад, он гоҳ дар қисми хулосавии таъинот бояд бетағйир монондани ин чораи пешгирӣ муқаррар карда шавад. Дар ҳама ҳолат дар қисми баёнию асосноккунии таъинот бояд асосҳои қабули ин қарор дарҷ карда шаванд.

37. Ҳангоми бекор кардани ҳукми айбдоркунӣ ё таъиноти кассатсионӣ ва ирсол намудани парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нави судӣ ба суди марҳилаи якум ё кассатсионӣ, суди марҳилаи назоратиро лозим аст, ки масъалаи чораи пешгириро нисбати шахсе, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад, ҳал намояд.

Агар чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан интихоб карда шавад, он гоҳ дар таъиноти суди марҳилаи назоратӣ бояд муҳлати амал ва асосҳои интихоби ин намуди чораи пешгирӣ нишон дода шаванд.

38. Тибқи талаботи моддаи 481-и КМҶ татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати шахсе, ки ба ӯ масъалаи ба давлати хориҷӣ супоридан барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳал карда мешавад, агар нисбати ин шахс қарори суди ҳамин давлат барои ба ҳабс гирифтан пешниҳод нагардида бошад, татбиқи ин намуди чораи пешгирӣ танҳо бо қарори судя дар асоси дархости прокурор бо тартиби дар моддаи 111-и КМҶ пешбинигардида иҷозат дода мешавад.

Дар бораи ба ҳабс гирифтани шахс ба мақомоти давлати хориҷие, ки талабномаи супоридаанро фиристонидааст, якҷоя бо пешниҳоди вақт ва ҷои супоридан фавран хабар дода мешавад.

Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 481-и КМҶ, агар дар давоми сӣ шабонарӯз қарори супоридан иҷро нагардад шахсе, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад, бояд бо қарори суд озод карда шавад.

Такроран ба ҳабс гирифтан танҳо баъди баррасии талабномаи нав доир ба супоридан мутобиқи қисми 1-и моддаи номбурда имконпазир аст.

Дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан нисбати чунин шахс низ бо риояи талаботи моддаҳои 111 ва 481-и КМҶ аз ҷониби суд амалӣ карда мешавад.

39. Агар ҳангоми баррасии дархост оид ба интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс ё ҳабси хонагӣ гирифтан риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун ошкор карда шаванд, суд, судяҳо бояд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти хусусӣ бароварда, диққати мақомоти марбутаро баҳри чораҷӯӣ ҷалб намоянд.

40. Ба Коллегияи ҳарбӣ, коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе дастур дода шавад, ки мунтазам таҷрибаи судиро марбут ба интихоби чораҳои пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, татбиқи ҳабси хонагӣ ва гарав, тағйир додан ва дароз намудани муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабсро мавриди омӯзиш ва ҷамъбасткунӣ қарор дода, ҷиҳати дуруст татбиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чораҳои дахлдор андешанд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**